# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи **Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ»**, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар тӯли таърихи ташаккул ва рушди давлату ҳуқуқ, масъалаи баррасии баҳсҳои хусусияти иқтисодӣ дошта аз ҷониби судҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз нишонаҳои асосии сатҳи ҳуқуқбунёдӣ ва адолати ҷомеа баромад кардааст. Таърих гувоҳи он аст, ки баҳсҳои субъектони фаъолияти соҳибкорӣ тартиби гуногуни баррасиро дошта, аз тарафи комиссияҳои арбитражӣ ҳал карда мешуд, ки фаъолияти онҳо тибқи «Низомномаи Комиссияи арбитражии назди шурои меҳнат ва мудофиаи ИҶШС аз 6 майи соли 1924» ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ танзим карда мешуд. Пас аз оне, ки муносибатҳои хоҷагидориву иқтисодӣ инкишоф ёфтанд, таваҷҷуҳ ба фаъолияти арбитраж зиёд гардид. Бо қабул кардани ин қонунҳо, мақомоти арбитражии қадимии кишвар ба додгоҳҳои ҳакамии мустақил табдил ёфтанд, ки барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла, корхонаҳо ва ташкилотҳо масъул буданд, вагарна шакли моликияти субъектони иқтисодӣ барои онҳо аҳаммияти муҳим намеёфт. Ин қабули қонунҳо на маъзарат, балки ивази оддии арбитражи маъмулро ба судҳои иқтисодӣ намешуморад. Баҳри ба тартиби муайян даровардани баҳсҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ сохторҳои нав, ки бо риояи муқарраротҳои қонун ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ машғуланд, таъсис дода шуданд.

Ба ин муносибат, сарфи назар аз вазъияти сиёсӣ ва иқтисодӣ чунин зарурият ба миён омад, ки судҳои махсуси иқтисодӣ таъсис дода шуда, баҳсҳои иқтисодӣ бо риояи қонун баррасӣ карда шавад. Ташкили чунин судҳо дар асоси таҷрибаи мусбат, ки аз арбитражи давлатӣ бармеомад бо риояи қатъии қоидаҳои мурофиавии судӣ, имкон медиҳад, ки баҳсҳо бо адолат ва тавассути механизми возеҳ ва самаранок ҳал шаванд. Дар тӯли таърихи ташаккул ва рушди давлату ҳуқуқ, масъалаи баррасии баҳсҳои хусусияти иқтисодӣ дошта аз ҷониби судҳои

иқтисодӣ ҳамчун яке аз нишонаҳои асосии сатҳи ҳуқуқбунёдӣ ва адолати ҷомеа баромад кардааст.

Судҳои иқтисодии мамлакат ҳамчун дастоварди даврони истиқлолият ба шумор рафта, таҳқиқ намудани он аз ҷиҳати илмӣ дар оянда барои пешрафти кишвар самаранок мебошад ва баҳри боз ҳам устувору мустаҳкам гардонидани ҳаёти иқтисодии кишвар, таъмини волоияти қонун дар соҳаи соҳибкорӣ, ки ҳамчун бахши муҳимми иқтисод фаъолият мебаранд ва инчунин ба ин васила баҳри рушди соҳаи иқтисодии Тоҷикистон ва истиқлолияти давлатиро нигоҳ доштан, мусоидат менамояд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ оид ба мавзуи ташаккул ва инкишофи судҳои иқтисодӣ аз таҷрибаҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла, тарзи судии корбарии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил истифода бурдан низ метавонад, заминаи пешрафти корбарии судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон эътироф карда шавад. Оид ба фаъолияти кории судҳои иқтисодии кишварҳои дигар алалхусус кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шумораи зиёди корҳои таҳқиқотӣ ва монографияҳо аз ҷониби таҳқиқотчиёни соҳаи илм таҳқиқ карда шудааст, мавҷуд аст, ки ҳамчун маводи илмӣ метавонад барои такмил додани рисолаи таҳқиқотӣ дар мавзуи ташаккул ва инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон истифода бурда шавад.

Дарки моҳияти ташкили мақомоти олии судӣ дар шароити муосир таҳлили мукаммал, таҳқиқи бунёдӣ ва муносибати таърихнигоронаро ба раванди ташаккул ва рушди низоми судҳо дар ҳудуди давлатҳои ҷудогона, тақозо менамояд. Барои иҷрои вазифаи гузошташуда мувофиқи мақсад аст, ки марҳилаҳои асосии таърихи рушди мақомоти олӣ дар низоми судии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор дода шаванд, ки он аз ҷониби муаллиф ба таври возеҳ иҷро карда шудааст.

Дар ҳамин замина, таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии мавзуъ аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро он имкон медиҳад, раванди ташаккул ва таҳаввули ғояи низоми судӣ аз шаклҳои ибтидоии адолати судӣ то фаҳмиши муосири он ҳамчун кафолати самараноки фаъолияти судӣ ошкор гардад. Омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва таълимоти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки тағйирёбии нақши суд ва ҳимояи судӣ ҳамеша бо дигаргуншавии фаҳмиши давлат, ҳуқуқ, шахс ва муносибати байни онҳо ҳамқадам будааст.

Мубрамияти мавзуъ ҳамчунин бо зарурати барқарор намудани пайванди илмӣ байни таърихи ҳуқуқ, назарияи ҳуқуқ ва равандҳои муосири рушди низоми ҳифзи ҳуқуқ муайян мегардад. Дар шароити ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва афзоиши таваҷҷуҳ ба арзишҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ ва муқоисай-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки на танҳо таҷрибаи гузашта, балки қонуниятҳои умумии рушди институти судӣ муайян карда шаванд, ки барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқ ва давлат аҳаммияти методологӣ доранд.

Ҳамин тариқ, мавзуи таҳқиқоти «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» аз лиҳози илмӣ мубрам, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз нигоҳи таърихӣ саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дараҷаи навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар доираи илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат бори аввал масъалаи таҳқиқи илмии мавзуи интихобгардида ҳамчун падидаи мустақили таърихӣ–назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳлили мукаммал қарор дода шудааст. Агар дар таҳқиқоти қаблӣ масъалаи низоми судӣ асосан дар заминаи ҳуқуқи конститутсионӣ, мурофиавӣ ё фаъолияти амалии судҳо баррасӣ гардида бошад, дар диссертатсияи мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба ошкор намудани решаҳои таърихӣ, таҳаввули назариявӣ ва қонуниятҳои ташаккули ин институт дар робита бо рушди давлат ва ҳуқуқ равона шудааст.

Муаллиф бори аввал дар сатҳи назариявӣ нишон медиҳад, ки рушди судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ бояд дар заминаи ҳамгироии меъёрҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, инчунин бо дарназардошти таҷрибаи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гардонида шавад. Дар диссертатсия асоснок мегардад, ки судҳои иқтисодӣ на танҳо институти дохилидавлатии ҳалли баҳсҳои хоҷагидорӣ мебошанд, балки ҳамчун унсури муҳимми танзими муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ ва таъмини устувории ҳуқуқии ҳамкориҳои иқтисодӣ низ баромад менамоянд. Инчунин, бори аввал вижагиҳои умумӣ ва фарқкунандаи фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ ба таври низомнок таҳлил гардида, дар асоси он пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани мустақилияти судҳо ва ҳамоҳангсозии таҷрибаи судӣ ироа мегарданд, ки дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ, навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада шубҳаовар набуда, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда бо таҳлили амиқи таърихӣ ва асосноккунии назариявӣ таъмин гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида бо истифодаи маҷмуи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, таҳлили амиқи адабиёти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, инчунин омӯзиши пайдарпайи равандҳои ташаккул ва рушди судҳои иқтисодӣ таъмин карда шудаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот равишҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили низомӣ ва усули тафсири доктриналиро ба таври ҳамгиро истифода намудааст, ки ин ҳолат ба ҳосил шудани хулосаҳои асоснок ва илмӣ мусоидат кардааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки

хулосаҳои илмӣ дар заминаи таҳлили васеи таълимоти ҳуқуқӣ, осори мутафаккирони классикӣ ва муосири ҳуқуқшиносӣ, инчунин таҳқиқи таҷрибаи таърихии давлатдорӣ ва адолати судӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф ба манбаҳои боэътимод, аз ҷумла осори илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии таърихӣ ва муосир такя намуда, мавқеи худро дар асоси муқоисаи ҳуқуқӣ ва назариявӣ асоснок мекунад.

Хулосаҳо бо пайдарпайии мантиқӣ, мутобиқати онҳо ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи диссертатсия ва ҳамчунин бо мувофиқати дохилии натиҷаҳои таҳқиқ тавсиф мешаванд. Дар кор ҳар як мавқеи илмӣ на ҳамчун иддаои ҷудогона, балки ҳамчун унсури низоми умумии назариявӣ пешниҳод гардида, дар ҳамбастагӣ бо дигар хулосаҳо асоснок карда шудааст.

Боиси таъкид аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия бо таҳлили интиқодии мавқеҳои илмии мавҷуда ҳамоҳанг буда, дар онҳо дидгоҳҳои гуногун ба таври низомнок баррасӣ шудаанд. Муаллиф аз мавқеи яктарафа худдорӣ намуда, афзалият ва маҳдудиятҳои равишҳои назариявии гуногунро ошкор сохта, дар ин замина мавқеи илмии худро асоснок менамояд.

Дар маҷмуъ, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта шубҳаовар набуда, онҳо ба талаботи корҳои илмии сатҳи номзадӣ мутобиқ мебошанд ва дорои арзиши назариявӣ ва методологии устувор мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи илмии масъала, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, объект ва мавзуи таҳқиқ муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, дар ин қисмат навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва методологии натиҷаҳо, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо, усулҳои таҳқиқ ва заминаи меъёрӣ–манбагии диссертатсия таҷассум ёфтаанд.

**Боби якуми диссертатсия** ба таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккул ва рушди

таърихии судҳои иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф бо такя ба равиши таърихӣ–назариявӣ, марҳилаҳои асосии пайдоиш, ташаккул ва такомули институтҳои судҳои иқтисодиро баррасӣ намуда, қонуниятҳо ва омилҳои асосии рушди онҳоро муайян мекунад. Муаллиф дар доираи таҳқиқот, манбаҳои таърихӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии таърихиро мавриди омӯзиш қарор гирифта, нишон додааст, ки судҳои иқтисодӣ ҳамчун ниҳоди махсусгардонидашуда дар ҷавоб ба ниёзҳои танзими муносибатҳои мураккаби иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд. Инчунин, муаллиф ба таҳлили давраҳои гуногуни рушди ин институт, аз ҷумла давраи тошуравӣ, шуравӣ ва марҳилаи муосири истиқлолияти давлатӣ, таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

**Боби дуюми** диссертатсия ба таҳлили «Суди иқтисодии ИДМ ва судҳои иқтисодӣ дар давлатҳои аъзои он: таҳлили муқоисавӣ муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» бахшида шуда, дар он масъалаҳои марбут ба мақом, салоҳият ва хусусиятҳои фаъолияти ин ниҳодҳо ба таври муфассал баррасӣ мегарданд. Муаллиф бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ низоми ташкилии судҳои иқтисодӣ, доираи ваколатҳои онҳо, тартиби баррасии баҳсҳо ва хусусиятҳои мурофиавиро дар давлатҳои аъзои ИДМ таҳлил менамояд.

Муаллиф ба таври илмӣ исбот менамояд, ки рушди самараноки судҳои иқтисодӣ шарти муҳимми таъмини устувории муносибатҳои иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ва таҳкими волоияти қонун мебошад. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон дода мешавад, ки сатҳи рушди ин ниҳодҳо бевосита ба сифати адолати судӣ, эътимоди иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ таъсир мерасонад.

Ҳамзамон, муаллиф далел меорад, ки мавҷудияти низоми самаранок ва мустақили судҳои иқтисодӣ омили муҳимми таъмини амнияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ буда, ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Дар ин замина, зарурати ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои аъзои ИДМ асоснок карда мешавад. Илова бар ин, исбот мегардад, ки такмили сохтор ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти судяҳо ва таъмини иҷрои саривақтии санадҳои судӣ метавонад ба баланд шудани самаранокии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таҳкими низоми судии миллӣ мусоидат намояд.

**Боби сеюми** диссертатсия «Нақши судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини ҳуқуқи инсон» ба таҳлили ҷанбаҳои муосири амалишавӣ ва аҳаммияти методологии фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар шароити давлатдории ҳуқуқбунёд бахшида шудааст. Дар ин боб робитаи мустақими фаъолияти судҳои иқтисодӣ бо механизми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Муаллиф дар асоси таҳлили санадҳои судӣ ва таҷрибаи амалии баррасии баҳсҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини адолати судӣ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ нақши муҳим доранд. Ҳамзамон, сатҳи самаранокии фаъолияти онҳо бо омилҳое чун сифати қонунгузорӣ, мустақилияти судяҳо ва иҷрои қарорҳои судӣ зич алоқаманд мебошад. Дар натиҷа, аҳаммияти судҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии татбиқи ҳуқуқи инсон дар соҳаи иқтисод асоснок карда шуда, самтҳои афзалиятноки рушди онҳо муайян карда мешаванд.

Хулосаи диссертатсия натиҷагирии умумии таҳқиқот буда, бандҳои дорои аҳаммияти назариявиро дар бар мегирад, ки онҳо ба ошкор намудани моҳият, табиати ҳуқуқӣ ва қонуниятҳои ташаккул ва рушди судҳои иқтисодӣ дар раванди таърихӣ ва дар низоми назариявии ҳуқуқ ва давлат равона шудаанд. Дар хулосаҳо ҷойгоҳ ва нақши судҳои иқтисодӣ ҳамчун институти бунёдии давлати ҳуқуқбунёд, инчунин аҳаммияти методологии таҳқиқи таърихӣ-назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҷамъбаст гардидааст.

Ҳамзамон, хулосаҳои диссертатсия бо назардошти аҳаммияти амалӣ пешниҳод шудаанд, ки онҳо ба такмили фаҳмиши илмии мавзуи таҳқиқот, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар рушди назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин ба такмил додани равишҳои илмӣ дар таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ нигаронида шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар ғанӣ гардондани назарияи ҳуқуқ ва давлат тавассути таҳлили таърихӣ-назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии рушди судҳои иқтисодӣ ифода меёбад. Хулосаҳои илмӣ метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалӣ дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, амалияи судӣ ва раванди таълимӣ зоҳир мегардад.

Аҳаммияти иқтисодӣ бо таҳкими волоияти қонун, устувории ҳуқуқӣ ва беҳтар шудани фазои муносибатҳои иқтисодӣ вобаста мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 8 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷалаҳои дигар ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ

мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф ба таври мустақилона таҳия гардида, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, *инчунин* маводи чопшудаи илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро ба таври равшан тасдиқ менамоянд. Илова ба ин, хусусиятҳои тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ гувоҳи саҳми мустақим ва шахсии муаллифи диссертатсия мебошанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Бо вуҷуди сатҳи баланди илмӣ ва арзиши назариявии диссертатсия, дар кори мазкур баъзе ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки метавонанд мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гиранд:**

1. Дар бахши заминаҳои эмпирикӣ маводҳо дар маҷмуъ қонеъкунанда инъикос ёфтааст, аммо барои боз ҳам баланд бардоштани арзиши илмии таҳқиқот, мувофиқ мебуд баъзе ҷузъиёти методологӣ, инчунин тарзи гузаронидани пурсишҳо, андаке муфассалтар шарҳ дода шаванд. Яъне бо вуҷуди асоснокии назариявии таҳқиқот, инчунин асоснокии амалии он ба густариши заминаи эмпирикӣ мусоидат намуда, метавонист эътимоднокии хулосаҳоро боз ҳам баланд бардорад. Аз ин лиҳоз, ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои бадастомадаро тавассути мисолҳои мушаххаси таҷрибаи судӣ, таҳлили парвандаҳои воқеӣ ва маълумоти оморӣ тақвият бахшад. Ҳамзамон, нишон додани имкониятҳои татбиқи амалии тавсияҳо дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва дигар ниҳодҳои марбута, бо дарназардошти шароити муосири рушди иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, метавонад аҳамияти амалии таҳқиқотро боз ҳам афзун намояд.

2. Гарчанде параграфи 1 диссертатсия бештар ба масъалаҳои таърихии ташаккули судҳои иқтисодӣ бахшида шуда бошад ҳам, аммо дар натиҷаи мушоҳидаҳо муайян гардид, ки доир ба ин масъала доираи маҳдуди таҳқиқотҳои илмии олимон истифода шудааст. Муаллиф ба муқоисаи таҷрибаи таърихии давлатҳои хориҷӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки ин метавонад барои амиқтар дарк намудани хусусиятҳои миллии ташаккули судҳои иқтисодӣ ва муайян намудани самтҳои такмили минбаъдаи онҳо мусоидат намояд. Бо дарназардошти

ин, пешниҳод мегардад, ки доираи манбаъҳои илмӣ вобаста ба масъалаҳои таърихии ташаккули судҳои иқтисодӣ васеъ гардида, аз таҳқиқоти муосири олимони ватанӣ ва хориҷӣ бештар истифода бурда шавад. Ҳамчунин, тақвияти ҷанбаи таҳлилӣ тавассути истифодаи усулҳои муқоисавӣ ва таърихию ҳуқуқӣ метавонад ба баланд бардоштани арзиши илмии таҳқиқот мусоидат намояд.

3. Банди 2 тавсияи илмии пешниҳодшаванда дар шакли умумӣ ифода ёфта, бештар хусусияти назариявӣ дорад. Мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф самтҳои пешниҳодшудаи ислоҳотро тавассути таҳияи нақшаи марҳилавии татбиқи онҳо, бо нишон додани мақомоти дахлдор, муҳлатҳои иҷро ва чораҳои зарурии ташкилию ҳуқуқӣ мушаххас менамуд.

Камбудиҳои зикршуда, ба арзиши илмӣ, навгонии натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва рушди мавзуи таҳқиқ хизмат намоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи: «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Директори Муассисаи давлатии
"Маркази барномаҳои байналмилалӣ"
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Одиназода Р.

**Имзои** Одиназода Р. – **ро тасдиқ мекунам:**
Мудири бахши коргузорӣ, кадр ва ҳуқуқ Имомзода М.
19.05.2026

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 47,
E-mail: ramazon-84@mail.ru
Тел. корӣ: 223-23-59: Тел: моб.: 00 – 500 – 74 – 74.